«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав", профессор Қурбонзода М.Р.________
«___» ________соли 2026

**Тақризи**

**муассисаи пешбар – кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ба рисолаи доктории Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» бо қарори шурои диссертатсионии 6D-КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик №26/1 аз 12.06.2026 мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих Мирзоев Ғ.Ш., доктори илмҳои таърих, профессор Гадозода А., номзадҳои илмҳои таърих Баротов М.Ю., Садриддини А., Абдуллоев Ҷ ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Гадозода Абдукибор омода гардид, иброз менамояд, ки диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих

аз рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) мувофиқ мебошад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ. Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро асоснок намудааст. Қайд мегардад, ки ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои 1991–2021 дар Тоҷикистон дар шароити мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардид. Аз як тараф гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйири сохтори идоракунии давлатӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонӣ, аз ҷониби дигар, зарурати мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи нави ҷомеа ва бозори меҳнат, масъалаи таҷдиди куллии муассисаҳои таълимиро ба миён овард. Маҳз дар ҳамин давра низоми маориф марҳилаҳои муҳимми тағйиротро аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олӣ ва касбӣ аз сар гузаронд. Дар диссертатсия қайд мегардад, ки бо назардошти норасоии таҳқиқоти мукаммали таърихӣ, ки тамоми паҳлуҳои ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистонро дар давраи солҳои 1991–2021 ба таври комплексӣ фаро намегиранд, бинобар сабаб диссертатсияи омодашуда дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Аз ин сабаб таҳқиқ ва баррасӣ «Таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» дар шароити муосир аҳаммияти муҳим дорад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо ба омӯзиши масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф Каримзода Мусо Бобишо тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ муаррифӣ намояд. Муаллиф таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҳқиқ карда, хулосаҳои илмии худро пешниҳод намудааст. Инчунин, муаллиф оид ба истифода натиҷаҳои назариявию амалии таҳқиқот пешниҳод манзур кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардашуда. Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия дар таърихнигории ватанӣ бори нахуст таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021) таҳқиқ гардидааст.

Саҳеҳии натиҷаҳо ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии

мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳоди илмию методӣ барои хониши курсҳои махсус доир ба ислоҳоти соҳаи маорифро дар ҳама зинаҳои таҳсилот, алалхусус таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар курсҳои асосӣ мавриди истифода қарор гиранд. Дар амалия истифода намудани ислоҳоти соҳаи маориф, татбиқи низоми нави таълим, аз қабили истифодаи технологияҳои инноватсионии раванди таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пурмаҳсул гардонида шуда, ҳавасмандии омӯзгор ва хонандаро ба дарс зиёд мегардонад. Натиҷаи таҳқиқот ба кормандони соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, алалхусус мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ барои баланд бардоштани сифати кори таълиму тарбия ёрии амалӣ мерасонад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоснок будани натиҷаҳои пажуҳиши ниҳоии диссертатсия, хулосаҳои назариявию амалӣ, ҳаҷми маводи нашргардида таҷассум гардида, омӯзишу баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии мавзуъ мувофиқат менамояд. Таҷрибаи амалии муаллифи диссертатсия ба ҳайси омӯзгори фанни методикаи таълими таърих дар муассисаи олӣ, ки боэътимодии системаи ислоҳоти соҳаи маорифро дар бар мегирад, муайян месозад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ. Саҳми шахсии унвонҷӯ – Каримзода Мусо Бобишо дар интихоби мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, пажӯҳиш, таҳлил, баррасӣ ва бадаст оврадани натиҷаҳои илмӣ инъикос меёбад. Тамоми натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ натиҷаи пажӯҳиш, омӯзиш ва баррасии мустақилонаи мавзуи мазкур аз таърифи муаллифи диссертатсия мебошанд. Натиҷаҳои бадастомада аз дараҷаи баланди дониш ва қобилияти таҳлилӣ доштани муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Диссертант 2 монография, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 16 мақола дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо ба нашр расонидааст.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дарачаи ба итмом расидани он. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) кори илмии ба итмом расида маҳсуб ёфта, мутобиқ ба бандҳои дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба расмият даровврада шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 370 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 5 боб, 11 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (347 номгӯй) иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дарачаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натичаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми рисола «Таърихнигории таърихии ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол» ба таҳлили таърихнигории таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои истиқлолият бахшида шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум «Инъикоси таърихии ислоҳоти соҳаи маориф дар адабиёти илмӣ» асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар ин самт таҳқиқот намудаанд, зери таҳлил қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюми боби якум «Инъикоси масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф ва рушди он дар суханрониҳо, асарҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон», саҳми бузург ва фаромӯшнашавандаи Роҳбари давлат баҳри рушди соҳаи маориф бо далелҳои раднопазир нишон дода шудааст. Дар ин зербоб қайд мегардад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон  мақом ва манзаллати аҳли зиё, алалхусус омӯзгорро мавриди ситоиш қарор додааст .

Дар воқеъ, паёмҳои ироанамудаи Президенти ҶТ солҳои 2001-2021 таконбахши соҳаи маориф буда, барои рушди минбаъдаи соҳа, ислоҳи камбудиҳо ва ба соҳаи афзалиятноки ҷомеа табдил додани илму маориф заминаи воқеӣ фароҳам меоранд.

Боби дуюм «Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ» номгузорӣ гардида, дар зербоби якум «Хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабии давлатӣ дар замони Истиқлол» бештар ба масъалаи фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар замони истиқлолият таваҷҷуҳ шудааст. Мақсади фаъолияти муассисаҳои томактабӣ-инкишофи ҷаҳонбинии тарбиятгирандагон бо баинобатгирии хусусиятҳои хоси миллӣ, нигоҳдошти саломатии ҷисмонӣ ва руҳии тарбиятгиранда, таъмини рушди ҳамаҷонибаи кӯдаки хурдсол дар асоси ҳамкорӣ бо оила ва аҳли ҷомеа мебошад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Ташаккул ва рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ» масъалаҳои мубрами фаъолияти муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, қайд шудааст, ки бо дастгириҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти соҳаи маориф ба комёбиҳои куллӣ ноил гардид. Моҳи марти соли 1993 Ҳукумати ҶТ «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак»-ро тасдиқ намудааст. Дар ин зербоб қайд мегардад, ки дар солҳои хониши 2015-2016 –66 муассисаи томактабии хусусӣ фаъолият менамуд. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф дар соли 2019  дар ҷумҳурӣ 107 муассисаи таълимии томактабии хусусӣ фаъолият мекард. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2021 - 199 муассисаи томактабии хусусӣ ва марказҳои хусусии инкишофи кӯдак бо фарогирии 105987 нафар фаъолият менамуд.

Боби сеюм «Гузариш ба низоми нав дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ном дошта, дар зербоби якум он масъалаи «Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» таҳқиқ шудааст.  Аз ҷумла, дар ин зербоб қайд мегардад, ки соли 1992 дар соҳаи маориф қисме аз чорабиниҳои банақшагирифташуда иҷро нагаштанд. Пажуҳишгар қайд менамояд, ки ибтидои соли хониши 1992-1993 дар шаҳри Душанбе, бархе аз ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ ва миёнаи умумӣ дарсҳо қатъ гардиданд. Соли хониши 1997-1998 шумораи муассиса-интернатҳо ба 48 адад расид, ки аз ин 13-тоаш мақоми ҷумҳуриявиро касб намудааст. Агар соли 1991 теъдоди муассисаҳои интернатӣ ҳамагӣ 38 ададро ташкил мекард, соли 1996 бошад, ин рақам ба 44 адад расид, ки ба 7 адади он мақоми ҷумҳуриявӣ дода шуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз соли 2007 сар карда, сифати таълиму тарбия дар ин муассисаҳо беҳтар гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм «Таъсис ва фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо» фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин зербоб, дар асоси таҳқиқоти гузарондашуда ба ғайр аз дастовардҳо, камбудиҳо низ зикр шудаанд. Хусусан, диссертант ба хулосае меояд, ки чунин намуди муассисаҳо дар ҷумҳурӣ ба 157-то расонида шуд, ки аксарияти онҳоро гимназия, литсей ва муассисаҳои хусусӣ ташкил медиҳанд. Дар ин давра гимназия ва литсейҳои хусусӣ низ зиёд шуданд. Ҳукумати ҶТ барои рушди гимназия ва литсейҳои хусусӣ шароит муҳайё менамуд. Дар ин асос Ҳукумати мамлакат барои беҳтар азхуд намудани истифодаи технологияи муосир «Барномаи компютерикунонии муассисаҳои маълумоти ҳамагонии асосӣ ва миёнаи ҶТ барои солҳои 2003-2007»-ро тасдиқ намуд. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани барномаи мазкур саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аввалиндараҷа буд. Татбиқи ин Барнома зери назорати муҳтарам Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон буда, ҳамасола аз Фонди захиравии худ барои муассисаҳои таълимии кишвар компютер ва принтерҳоро тақдим менамоянд.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Арзёбии хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», мафҳум ва зарурияти таълими салоҳиятнокӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар шароити муосир оид ба муносибати босалоҳият ба омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад, зеро дар асри XXI кашфу ихтироот маҳз дар ҳамин самтҳо сурат мегиранд.

Боби чорум, ки «Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» номгузорӣ шудааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум «Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар замони Истиқлол» ба раванди пешравӣ ва дастовардҳои назаррас дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таваҷҷуҳ дода шудааст.

Дар зербоби дуюми ин боб, ки «Сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» ном гирифтааст, ба мушкилоти вуҷуддошта мутаваҷҷеҳ шуда, роҳи ҳалли он дар ин самт баён гардидааст.

Дар боби панҷум, ки «Низоми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» унвон гирифтааст, аз ду иборат аст. Дар зербоби якум «Раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар Тоҷикистони соҳибистиқлол» доир ба муассисаҳои мазкур дар асоси далелҳои ва маводи бойгонӣ баррасӣ шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар заиф гардид. Бидуни ин душвориҳо, шумораи донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ рушд намуда, аз 13 адади соли 1991 ба 28 адад расид. Дар соли 1999 шумораи донишҷӯён аз 63,9 ҳазор нафар ба 79,2 ҳазор нафар расид.

Дар зербоби дуюми ин боб «Ташаккул ва рушди низоми кредитии таҳсилот» заминаи ба вуҷуд омадан ва рушди низоми кредитии таҳсилот дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ таҳлил шудааст.

Дар зербоб қайд мегардад, ки дар шароити муосир бо ташаббуси Ҳукумати ҶТ барои баланд бардоштани соҳаи маориф, сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ чораҳои зарурӣ андешида шуд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. –Таърихи ватанӣ) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб Каримзода Мусо Бобишо ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. –Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар зербоби якуми боби якум, ки "Инъикоси таърихии ислоҳоти соҳаи маориф дар адабиёти илмӣ" номгузорӣ шудааст, диссертант дар қатори адабиёти олимони ватанӣ, адабиёти хориҷиро таҳлил намудааст. Аммо дар таҳлили адабиёти хориҷӣ танҳо ба

масъалаҳои умумии таълими салоҳиятнок ва бахшҳои он таваҷҷуҳ шуда, далелҳо оид ба таърихи ислоҳот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба назар намерасад.

2. Дар зебоби дуюм "Барраси масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳаи маориф дар асарҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон" муқоиса ва истифодаи дигар адабиёти илмӣ кам сурат гирифтааст.

3. Дар руйхати сарчашма ва адабиёти истифодашудаи диссертатсия талаботи ҷобаҷогузории библиографии рисолаи докторӣ, яъне, аввал санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баъд маводи бойгонӣ, адабиёти илмӣ, диссертатсия ва авторефератҳо, манбаҳои интернетӣ риоя нагардидааст.

4. Аз саҳифаи 310 то саҳифаи 312 муаллиф аз доираи принсипҳои таърихӣ берун баромада, масъаларо аз назари педагогӣ таҳлил ва пешбинӣ намудааст.

5. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳо ва норасоиҳои дар боло қайдшуда хусусияти усулӣ (принсипиалӣ) надоранд ва онҳо ислоҳпазир буда, аҳаммият ва арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд. Ҳар як муаллиф, муҳаққиқ барои озодона баён кардани мавқеъ, андеша ва хулосаҳои худ ҳуқуқ дорад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии корро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи худро ёфтаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Хулоса, диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Гадозода А. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав протоколи №26/1 аз 12.06.2026 муҳокима ва тасдик гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 16 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раисикунанда,** мудири кафедраи
таърихи халқи тоҷики факултети
таърих ва ҳуқуқи МДТ "Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав, н.и.т. Мирзоев Ғ.Ш.

**Ташхисгар**, д.и.т., профессор Гадозода А.

**Котиби ҷаласа** Қурбонова М.С.

Имзои Мирзоев Ғ.Ш., Гадозода А.
ва Қурбонова М-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.btsu.tj, почтаи электронӣ: btsu78.@mail. Ru

«16» 06 соли 2026